**Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-024-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич дар мавзӯи «Таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. – Душанбе, 2024.**

Бо ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ марҳалаи комилан нав дар рушди таърихнигории миллии тоҷик оғоз ёфт. Муаррихони тоҷик новобаста аз ҷой доштани мушкилоту норасоиҳо ҳанӯз аз ибтидои солҳои 90-уми асри сипаришуда ба таҳқиқу баррасии таърихи чандинҳазорсолаи халқи тоҷик рӯ оварда, дар замони соҳибистиқлолӣ ба натиҷаҳои хеле назаррас ноил гардиданд. Таърихнигории ватанӣ, ки ба андешаи аксари муаллифон аз чаҳорчубаи методологияи марксистӣ-ленинӣ берун шуда буд, акнун бояд бо диди нав тағйиротҳои бузурги дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ ба амал омадаро бо назардошти манфиатҳои миллӣ инъикос мекард.

Омӯзиши мавзӯи «Таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X» дорои аҳамияти баланди илмӣ буда, довталаби дараҷаи илмӣ Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич тавонистааст, ки ин масъалаи мубрами таърихи асримиёнагиро бо асноду далелҳои муътамад ба риштаи таҳқиқ кашида, пешкаши ҳаводорони таъриху фарҳанг намояд.

Дар таҳқиқоти мазкур муаллиф икдом гирифтааст, ки раванди забткориҳои арабро бо муборизаҳои милливу истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр ва дигар ҷанбаҳои мубрами замон таҳлилу баррасӣ намуда, таҳқиқоти маҷмуиро дар ин самт анҷом диҳад. Диссертатсия аз муқаддима чор боб, даҳ зербоб, хулоса ва феҳристи сарчашмаву адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар автореферати диссертатсия мақсад ва вазифаҳо, методҳои таҳқиқ, объект ва предмети омӯзиш, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқшаванда, давраҳои таърихии омӯзиш, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, муқаррароте, ки барои дифоъ пешниҳод мегарданд, мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Инчунин муҳтавои асосии кори таҳқиқотӣ давра ба давра ба таври муфассал ва илмӣ дар асоси сарчашмаҳои дасти авали мавзуъ баён гардидааст, ки моҳияти мавзуи таҳқиқшавандаро куллан ифода мекунад.

Боби якуми диссертатсия – "Сарчашмаҳо ва таърихнигории мавзуи таҳқиқшаванда" ном дошта, он аз ду зербоб иборат мебошад. Зербоби аввали он "Сарчашмашиносии масъалаи таҳқиқшаванда" ва зербоби дувум бошад "Таърихнигории масъалаи таҳқиқшаванда" номгузорӣ шуда, дар онҳо сарчашмаҳои зиёди дасти аввали мавзуъ ва асарҳои гаронбаҳои олимону муҳаққиқони ватанӣ, Осиёи Миёнаву Афғонистон, Эрон, кишварҳои Араб, Русия ва Аврупову Амрико, ки бевосита фарогири мавзуи таҳқиқотии довталаби дараҷаи илмӣ мебошанд, мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтаанд.

Боби дуввуми диссертатсия – "Инъикоси вазъи умумии Хуросону Мовароуннаҳр дар арафи забткориҳои араб дар манобеи таърихӣ ва бозтоби он дар осори илмӣ" унвон дошта, зербобҳои он фарогири масоили "Ҳудудҳои ҷуғрофӣ ва вазъияти сиёсии Хуросону Мовароуннаҳр", "Вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии Хуросону Мовароуннахр дар арафаи ҳамлаи арабҳо", "Вазъи эътиқодии мардумони бумии минтақа қабл аз ворид шудани арабҳо" мебошанд. Муаллиф дар ин зербобҳо масъалаҳои худудҳои ҷуғрофии тоҷикзамин – Хуросону Мовароуннаҳр, вазъи сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва вазъи эътиқодию ҳолатҳои руҳию равонии сокинони Хуросону Мовароуннаҳрро, ки сабабҳои асосии шикасти сокинони бумӣ дар раванди забткориҳои араб гардида буданд, ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Боби сеюми диссертатсия - "Сарчашмашиносӣ ва таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои озодихоҳонаи мардумӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр" аз ду зербоб иборат мебошад, ки онро аз лиҳози аҳамият

шартан боби меҳварии рисола номидан мумкин аст. Дар зербоби аввал “Раванди забткориҳои арабҳо дар Хуросону Мовароуннаҳр ва инъикоси он дар сарчашмаҳои таърихӣ” унвонҷӯ раванди забткориҳои арабро дар асоси сарчашмаҳои таърихии форсию арабии муътабару дасти аввали мазуъ мавриди таҳқиқу баррасии илмӣ қарор дода, дар ин самт ба хулосаҳои зарурӣ расидааст. Аз мӯҳтавои зербоби дуввум - “Муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардумони Хуросону Мовароуннаҳр бар зидди истилогарони араб” бармеояд, ки раванду марҳилаҳои асосии муқовимати аҳолии Хуросону Мовароуннаҳр алайҳи истилогарони аҷнабиро фаро мегирад. Дар ин зербоб муаллиф аз муборизаҳо ва муқовиматҳои зиёди хуросониён ёдовар мешавад.

Боби чоруми диссертатсия – “Паёмадҳои забткориҳои араб ва паҳншавии дини нав дар Хуросону Мовароуннаҳр ва инъикоси он дар сарчашмаҳои таърихӣ” иборат буда, дорои зербобҳои - “Инъикоси раванди исломикунонии Хуросону Мовароуннаҳр дар сарчашмаҳои таърихӣ”, “Саҳми донишмандони минтақа дар рушду густариши илм ва фарҳанги давра”, “Нақш ва мақоми ҳанафия дар ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии Хуросону Мовароуннаҳр” мебошад. Диссертант дар зербобҳои ин боб масъалаи паёмадҳои забткориҳои арабро мавриди баррасӣ қарор дода, ҷанбаҳову сабабҳои исломпазирии аҷдоди тоҷиконро таҳлил намуда, 14 омили муҳимтарини (Саҳ.-37) раванди гаравиш ба дини навро муассир медонад. Бо таҳлили зербоби “Нақш ва мақоми ҳанафия дар ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии Хуросону Мовароуннаҳр” муаллиф ба хулосае меояд, ки ҳанафи дар сарнавишти халқи тоҷик нақши бориз дошта, фазои нисбатан озоди динӣ ва мазҳабии замони Сомониён дар садаҳои минбаъдаи таърихи минтақа такрор нашудааст.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати диссертатсия бармеояд, ки муаллиф мубрам будани мавзуи таҳқиқотӣ, мақсад ва ҳадафҳои таҳқиқотро аз нуқтаи назари илмӣ асоснок намояд, асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷиро, ки раванди забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X-ро бо паймонаҳои мухталиф дар онҳо инъикос ёфтаанд, баррасӣ намояд, асоси методологии таҳқиқотро

муайян карда, сарчашмаҳои вобаста ба мавзӯи таҳқиқотиро аз худ намуда, онро тавсиф ва баҳои илмӣ диҳад. Муҳаққиқ дар асоси таҳлили сарчашмаҳои хаттӣ масоили асосии мавзӯи таҳқиқотиро муайян ва илман исбот намудааст.

Дастоварди беназири таҳқиқот аз он иборат аст, ки омӯзиши масъалаи «Таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X» дар илми таърихнигории ватанӣ иқдоми нав ва саривақтӣ ба шумор меравад. Ба боварии комил метавон гуфт, ки муҳаққиқ ба таври воқеӣ ба мақсади пешгузоштаи худ ноил гардидааст.

Хулоса ва натиҷаҳои асосии илмии бадастомадаи таҳқиқот аз 25 банд иборат буда, фарогири мазмуну муҳтавои асосии автореферати рисола мебошанд. Инчунин, қобили қайд мебошад, ки дар қисмати муҳтавои асосии таҳқиқот муҳаққиқ ба таҳлил ва таҳқиқи бевосита машғул гардида, бо далелҳои муътамади илмӣ онро баён намудааст. Муҳаққиқ ҳангоми баррасии масъала аз методҳои гуногуни илмӣ истифода намудааст, ки дар он методҳои муқовисавии таърихӣ, равиши системавӣ, таҳлили сохториву корбурдӣ ва методҳои таҷзия ва таҳлили донишҳои эмпирикӣ мақоми арзанда доранд. Забон ва услуби нигориши автореферати диссертатсия сода ва фаҳмо буда, дар он мантиқи сухан ва пайдарпайии замонӣ қотеъона риоя гардидааст.

Дар баробари ин ҳама муваффақиятҳо дар автореферати диссертатсия ба инобат гирифтани пешниҳодҳои зерин ба манфиати кор мебошад:

1. Дар зербоби аввали боби дуввум шарҳи ҳодисаҳои таърихӣ фосилаи дуру дарози таърихиро дар бар гирифта, баъзан воқеъаҳои таърихӣ аз маҳдудаи хронологӣ берун баромадааст. Хуб мешуд вобаста ба мазмуну мӯҳтавои асосии рисола воқеаҳои таърихӣ ихтисор карда мешуд.
2. Дар баъзе саҳафоти автореферат хатоҳои ҷузъӣ, ки аслан моҳияти техникӣ (партофта шудани ҳуруф) ва имлоӣ доранд, ба мушоҳида мерасад.

Албатта, ин гуна ғалатҳо хусусияти ҷузъӣ доранд ва ба ҳеҷ ваҷҳ ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқотӣ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич дар мавзуи «Таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X» ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

**Муқарриз:**
доктори илмҳои таърих, профессори
кафедраи таърих ва диншиносии
Донишгоҳи давлатии Хоруғ
ба номи М.Назаршоев Ҳоҷибеков Э.Ҳ.

«20» феврали соли 2024.

Суроға: 736107, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ноҳияи Шуғнони ВМКБ, ҷ/д Поршнев, д. Бувед
Тел.: (+992) 93-501-19-55
E-mail: elbon_hojibek@rambler.ru

Имзои Элбон Ҳоҷибековро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Хоруғ
ба номи М.Назаршоев Саидраҳмонов Н.М.

Суроға: 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хоруғ, кучаи Ш.Шотемур, 109.
Телефон: (+835 -2-22-48; факс: 2-22-48.
E-mail: ksu.khorog@mail.ru

«22» феврали соли 2024.